**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_______________ Сафарзода М.В.
«_29_» ___08___ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар мавзуи «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Солҳои охир дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар тағйироти амиқ ба вуҷуд омада, низоми маориф ва илм низ бо равандҳои рушди босуръат қадами ҳамоҳанг мегузоранд.Ислоҳоти тартибу низоми таҳсил, воридсозии фанҳои муосир ва болоравии марҳила ба марҳилаи сатҳи донишандӯзӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатию соҳа ба шумор мераванд. Дар ин замина, омӯзиши ду ва зиёда забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама русӣ ва англисӣ, дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот беш аз бист сол зери таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм қарор дорад. Бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаҳои давлатӣ оид ба такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ пайдарпай қабул ва тамдид шудаанд (солҳои 2004–2014; 2015–2020; 2019 – то давраи соли 2030), инчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2024, №795, кормандони сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳоро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ вазифадор месозад. Озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» барои рушди завқи китобхонӣ, боло бурдани фарҳанги забонӣ ва ташвиқи насли

наврасу ҷавонон ба донишандӯзии бисёрзабона муҳити мусоид фароҳам овардаанд.

Айни ҳол, тахти таъсири ҷаҳонишавӣ, густариши робитаҳои фарҳангӣ-иқтисодӣ ва бозори байналмилалии меҳнат зарурати омода кардани мутахассисони забондону рақобатпазир бештар мегардад. Таъмини бозори меҳнат бо кадрҳои соҳибихтисос, ки дорои салоҳиятҳои муошеративу касбӣ дар забонҳои хориҷӣ бошанд, омили муҳими рушди иқтисодӣ арзёбӣ мешавад. Бо вуҷуди ин, бар асари мушкилоти сохторӣ ва методӣ, сатҳи забондонии хонандагони мактаби миёна ҳамоно ниёз ба такмил дорад: камии фонди луғавӣ, иштибоҳҳои хаттӣ ва шифоҳӣ, маҳдудияти истифодаи грамматикаи меъёрӣ ва тангии доираи ифода дар муошират мушоҳида мешаванд.

Бо мақсади амалӣ намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа, барнома, консепсия ва стратегияҳои давлатӣ ва ҳамзамон бартараф намудани камбудиҳои амалии таълими забонҳои хориҷӣ, тадқиқоти илмӣ-амалӣ идома доранд. Дар ҳамин замина, кори мавриди баррасӣ масъалаи ташкили хониши мустақилонаро ҳамчун воситаи муассири ғанигардонии захираи луғавӣ дар синфҳои болоӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Дар таълими забон, ки пеш аз ҳама воситаи воқеии муошират аст, риояи таносуби маводи фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ бояд ба ташаккули талаффузи дуруст, инкишофи салоҳиятҳои лингвистӣ ва коммуникатсионӣ мусоидат намояд. Ҳадафи асосии омӯзиши забони англисӣ дар зинаи болоӣ — фароҳам овардани тавонмандиҳои забонӣ барои муошират озод дар мавзуъҳои муҳими рӯз, хондану тарҷумаи матнҳои сатҳи фундаменталию ибтидоӣ, фаҳм ва коркарди маводҳои аудиоию видеоӣ — танҳо дар сурате дастёб мешавад, ки дар чунин шароит, ба роҳ мондани хониши мустақилона бо интихоби мақсадноки матнҳо, кор бо луғати нав, муҳокимаи мазмун, саволу масъалагузорӣ ва эҷоди муҳити забонӣ дар синф, қадами калидӣ барои тавсеаи фонди луғавӣ ва боло бурдани сифати муошират хонандагон ба ҳисоб меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот дар чорчӯбаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода (самти «Методҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот») тарҳрезӣ ва иҷро гардида, ба ҳадафу вазифаҳои он пурра мутобиқат дорад. Тадқиқот ҳамзамон бо талаботи асосии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии амалкунанда ҳамоҳанг аст. Натиҷаҳои бадастомада ба иҷрои нишондиҳандаҳои стратегии соҳаи забономӯзӣ мусоидат намуда, заминаи татбиқи амалии онҳо дар низоми МТМУ ва барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон замина фароҳам меоранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Тадқиқот нахустин талоши мукаммали ватанӣ дар доираи методикаи таълими забони англисӣ барои шароити МТМУ-и

Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки амсилаи системавии ташкили хониши мустақилонаро ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ дар бар гирифта, бо гузаронидани озмоишҳо илман асоснок намудааст. Аз ҷумла, масъалаи хониши мустақилона, омӯзиши луғат ва ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон аз нигоҳи олимони шинохтаи ҷаҳони муосир, натиҷаи навтарин таҳқиқотҳои илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст; талаботҳои интихоб ва истифодаи матн ва машқу супоришҳо дар таълими забони англисӣ муайян карда шудааст; маҷмуи машқу супоришҳо вобаста ба матни хондашуда ва принсипу методҳои ғанигардонӣ ва ҳифзи дарозмуддати захираи луғавии хонандагон коркард ва таҳия гардидаанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳияи амсилаи амалӣ барои ҷорӣ намудани хониши мустақилона дар МТМУ оварда расонданд:

- дастури методӣ барои омӯзгор бо намунаи вазифаҳо ва тавсияҳои кор бо матнҳои гуногунжанр;
- низоми машқу супоришҳои лексикӣ (шинохт → мустаҳкамсозӣ → тавлидсозӣ);
- меъёрҳои баҳогузорӣ ва нишондиҳандаҳои пешрафт барои пайгирии ғанигардонии луғат ва истифодаи фаъолонаи он дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ.

Ин дастовардҳо метавонанд бевосита дар ҷараёни дарсҳои англисӣ татбиқ шаванд, дар тарҳрезии барномаҳои синфҳои болоӣ ва курсҳои такмили ихтисос истифода гарданд, ҳамчунин дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми омодасозии лексияҳо, семинарҳо ва дарсҳои амалӣ рӯйи кор меоянд.

**Эътимоднокии нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот**ро пайдарҳамии мантиқии мақсаду вазифаҳо, объект, мавзуъ ва фарзияи пешниҳодгаштаи таҳқиқот, таҳқиқи назариявӣ ва татбиқи амалии масъалаи мавриди таҳқиқ дар рафти ташкили озмоиши таҷрибавӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот, мақолаҳои илмӣ, корҳои иҷрошуда дар рафти таҳқиқот, хулосабарорӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми мувофиқи диссертатсия собит менамоянд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ.** Унвонҷӯ корро мустақилона анҷом дода, аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва иттилоотии чопиву электронӣ, асосан солҳои охир, истифода бурдааст. Мавзуъ ба таври муфассал ва таҳлилӣ баррасӣ шуда, фарзияи илмӣ тавассути озмоиши педагогӣ (бо муқоисаи нишондиҳандаҳо пеш аз таҷриба ва пас аз он) асоснок гардидааст. Бо такя ба андешаҳо ва таҷрибаи муҳаққиқони ватанӣ ва олимони аврупою амрикоӣ, таҳқиқ диди васеъ ва муосир пайдо карда, сатҳи назариявӣ ва методии кор баланд гардидааст.

Дар марҳилаи коркарди қисми амалӣ, муаллиф бо омӯзгорони забони англисии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мутахассисони соҳа

ҳамкории мақсаднок ба роҳ монда, хусусиятҳои миллӣ ва шароити воқеии мактабҳои кишварро ба инобат гирифтааст. Натиҷаҳои кор барои ҷомеаи илмӣ ва мутахассисони касбӣ муаррифӣ шудаанд: унвонҷӯ бо маърузаҳо дар чорабиниҳои таълимӣ, семинарҳо ва конфронсҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намуда, зарурати худомӯзӣ ва хониши мустақилонаро дар таълими забони англисӣ матраҳ ва таблиғ кардааст.

**Интишорот.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 1 дастури таълимӣ-методӣ ва 15 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Ин маҷмӯаи нашрияҳо самтҳои назариявӣ ва амалии кори диссертантро пурра фаро гирифта, пайгирон ва мутахассисони соҳа метавонанд аз онҳо ҳамчун заминаи методӣ истифода баранд.

**Сохтори кор.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаҳои ҳар боб, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 202 саҳифа таҳия шудааст. Кори илмӣ 9 ҷадвал ва 6 диаграммаро дар бар гирифта, рӯйхати адабиёт 180 сарчашмаро фаро мегирад.

**Боби якум** бо унвони «Асосҳои назариявии ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ» заминаҳои назариявию методологӣ ва асосҳои илмии мавзуъро фаро мегирад. Дар ин боб баррасии системавии дидгоҳҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҷойгоҳ ва нақши хониши мустақилона дар омӯзиши англисӣ пешниҳод шуда, хониши мустақилона ҳамчун унсури ҷудонопазири раванди таълим дар доираи равишҳои коммуникативӣ ва худтанзимкунии омӯзиш шарҳ меёбад. Муаллиф робитаи қонунии он бо ғанигардонии фонди луғавӣ, тавсеаи тафаккур ва такмили маҳоратҳои нутқии хаттӣ ва шифоҳии хонандагони синфҳои болоиро нишон дода, инчунин хусусиятҳои лингвистӣ ва психолингвистии азхудкунии луғат (муътадилсозии воридоти забонӣ, диққатгузорӣ/«noticing», чуқурии коркарди маъно ва фаъолсозии луғати фаъол)-ро муҳокима мекунад.

**Боби дуюм**, бо унвони «Методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ», бахши амалӣ буда, назарияро ба воситаҳои корбурдӣ табдил медиҳад. Дар ин қисмат меъёрҳои илмӣ-методии интихоби матн (сатҳи душворӣ, зичии лексикӣ, басомад, арзиши иҷтимоӣ-маданӣ, мутобиқат ба синну сол ва сатҳ) муайян гардида, пайдарҳамии марҳилаҳои кор бо матн (пешазхонданӣ – дар ҷараёни хондан – пас аз хондан) ва низоми машқу супоришҳо барои фаъолсозии луғат тавзеҳ дода мешавад. Муаллиф масоили мутобиқгардонии маводи аслӣ ба сатҳи забондонии хонандагон, дастгирии фарқиятнок (differentiation) ва роҳҳои баланд бардоштани ҳавасмандии таълимиро бо намунаҳои амалӣ ва тавсияҳои возеҳ мураттаб месозад.

**Боби сеюм** бо унвони «Ташкили озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои он» ба санҷиши амалии фарзияи тадқиқот ихтисос ёфтааст. Дар ин боб марҳилаҳои омодагӣ, татбиқ ва таҳлили озмоиши педагогӣ бо пайдарҳамии мантиқӣ тавсиф шуда, натиҷаҳо тавассути ҷадвалу диаграммаҳо ва усулҳои миқдорӣ-сифатӣ шарҳ меёбанд. Арзёбӣ нишон медиҳад, ки усулҳо ва воситаҳои пешниҳодшуда ба болоравии сатҳи захираи луғавӣ ва беҳбудии маҳоратҳои нутқӣ мусоидат менамоянд; пайвастагӣ ва мувофиқати қисматҳои назариявӣ ва амалӣ асоснок гардида, хулосаҳои илмӣ эътибори зарурӣ касб мекунанд.

Муайян гардид, ки дар баробари муассисаҳои таҳсилоти олӣ, МТМУ низ дар омодасозии мутахассисони забондон нақши калидӣ дошта, таълими англисӣ ҳамчун воситаи муошират ва омӯзиши фанҳои муосир мақоми меҳварӣ касб мекунад. Унвонҷӯ исбот менамояд, ки ташаккули салоҳияти муоширатӣ ба ҳамгироии чор навъи фаъолияти нутқӣ такя мекунад ва хониши мустақилона чун ҷузъи калидӣ, афзоиши фонди луғавӣ, такмили маҳоратҳои хаттиву шифоҳӣ ва болоравии қобилияти фаҳмишро таъмин менамояд. Ҷалби мунтазам ба ин навъи фаъолият хонандагонро ба худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ ҳидоят карда, ҷаҳонбинӣ ва иштироки фаъолро дар дарс ва берун аз он тақвият медиҳад, фазои ҳамкоронаи синфро мустаҳкам месозад.

Дар диссертатсия собит гардидааст, ки ташкили мақсадноки хониши мустақилона ба луғатомӯзӣ, азхуд ва истифодаи амалии воҳидҳои лексикӣ дар гуфтугӯ, монолог ва нутқи хаттӣ кумак мерасонад; барои ин, меъёрҳои интихоби матн (сатҳи душворӣ, зичии лексикӣ, басомад, арзиши маданӣ, мувофиқати синну-сатҳӣ ва робита бо шавқу эҳтиёҷ) бояд риоя шаванд, то фаҳмиш, пайванди назария бо амал, такрору мустаҳкамсозӣ ва фаъолсозии луғати фаъол таъмин гардад. Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ ин хулосаҳоро тасдиқ намуда, зарурати ворид кардани низоми машқу супоришҳои лексикӣ ва мониторинги мунтазамро барои устувор сохтани пешрафт нишон доданд.

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат менамояд.

Дар баробари муваффақиятҳо, баъзе камбудиҳоро дар диссертатсия мушоҳида кардан мумкин аст ва ислоҳи онҳо боиси боз ҳам беҳтар шудани кор хоҳад гашт. Аз ҷумла:

1. Номи боби дуюми диссертатсия ҳаҷман каме калонтар оварда шудааст, гарчанде метавон бо фарогирии мундариҷаи пурраи ин қисмати кор онро каме кӯтоҳ намуд. Боби дуюмро метавон чунин номгузорӣ кард: "Ташкили хониши мустақилона ва ғанигардонии захираи луғати англисии хонандагони синфҳои болоӣ".

2. Шарҳи мушаххаси чунин истилоҳот ба монанди “салоҳият”, “луғати фаъол”, “луғати ғайрифаъол”, “марҳилаҳои хониш” ва амсоли инҳо дар диссертатсия ба мақсад мувофиқ аст.

3. Меъёру талаботҳо оид ба интихоби матни хониши мустақилона дар зербоби 2.1. хеле хуб инъикос ёфтааст, аммо ҳангоми таҳияи системаи машқҳо ҷиҳати ғанигардонии захираи ́луғавӣ дар асоси хониши мустақилона, ки дар зербоби 2.3. оварда шудааст, ба пуррагӣ ба инобат гирифта нашудааст.

4. Таҳияи диссертатсия бо такя ба доираи васеи олимони кишварҳои гуногун, иқтибос шудани асарҳои зиёди солҳои охир аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф аз охирин дастовардҳои илм ва олимони муосир истифода намудааст. Таҳлил нишон дод, ки 132 адабиёти истифодашуда (61 адабиёти нашри солҳои 2000-2009; 60 адабиёти нашри солҳои 2010-2019; 11 адабиёти нашри солҳои 2020 инҷониб) нашри солҳои 2000 инҷониб мебошанд. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда 10 санад (барномаҳои давлатӣ, қарорҳои Ҳукумат ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва асари 11 муаллифи тоҷик истифода шудааст, ки ин ба назари мо хеле кам аст.

5. Дар дохили диссертатсия иқтибос аз ақидаҳо ва натиҷаи таҳқиқоти олимони тоҷик хеле кам оварда шудааст. Хуб мешуд, агар диссертант дар баробари олимони кишварҳои хориҷ ба асарҳои олимони ватанӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар рафти таҳқиқот аз онҳо низ истифода мекард.

Бояд зикр намуд, ки эродҳои овардашуда ҷанбаи тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намекунанд.

Хулоса, натиҷаҳои бадастомада аз нигоҳи назариявию амалӣ асоси амиқи илмӣ дошта, барои рушди методикаи таълими забони англисӣ, роҳандозии ханиши мустақилона аз забони англисӣ дар МТМУ нақши калон мегузорад. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба бандҳои 76, 77, ва 79-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) тақриз аз ҷониби кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедра аз 27-уми августи соли 2025, №01/4 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

Кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, суратҷаласаи №01/4 аз 27.08.2025

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент Робияи Абдусамад

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, декани факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шарифзода Хуршед Алихонович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Орифзода Орзу Обидхуҷа

27.08.2025

Имзоҳои Робияи А., Шарипов Х.А. ва Орифзода О.О.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.
27.06.2025

***Суроғаи муассисаи пешбар:*** *735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, тел.: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09, факс: (+992 3322) 2-35-06.* ***Сомона:*** *www.kgu.tj*. ***E-mail:*** *info@kgu.tj*

29.08.25